# 08 00 00 ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
# 08 00 00 ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 08 00 00 ECONOMICAL SCIENCES

## 08 00 01 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 08 00 01 ECONOMIC THEORY

***УДК 336.02***
***DOI****10.24412/2411-1945-2022-1-5-12*

### *МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ*

***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна,***
*н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К РЕАЛИЗАЦИИ МОНЕТАРНОЙ ПОЛИТИКИ*

***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна,***
*канд. экон. наук, доцент кафедры экономической теории ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

### *THEORETICAL APPROACHES TOWARDS REALIZATION OF MONETARY POLITICS*

***Alidjanova Surayo Abdushukurovna****, candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the department of the theory of economics under the Tajik State University of Law, Business and Politics, (Tajikistan, Khujand)* ***E -MAIL:*** *Sura14@mail.ru*

***Калидвожаҳо:****сиёсати монетарӣ, бахши молиявии иқтисодиёт, бахши воқеии иқтисодиёт, монетаризм, фаъолнокии инвеститсионӣ, назарияи неоклассикӣ, консепсияи кейнсгароӣ, ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо*

*Назарияҳои асосии сиёсати монетарӣ дар шароити муосир баррасӣ шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонии коркард ва амалигардонии сиёсати монетарӣ нишон медиҳад, ки он асосан ба як қатор назарияҳое, ки дар аввали асри XX коркард шудаанд ва дурустии худро дар шароитҳои мухталифи таърихӣ исбот намудаанд, такя мекунад. Дар натиҷаи тадқиқи асосҳои назариявии сиёсати монетарӣ муайян карда шудааст, ки дар амалигардонии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми таҷрибаи андӯхтаи ҷаҳонӣ такя намуда, ин ё он муқаррароти назариявиро вобаста ба шароитҳои воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ татбиқ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Таҳқиқ собит намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни бахшҳои молиявӣ ва воқеӣ тафриқа мушоҳида мешавад. Чорабиниҳои ба принсипҳои консепсияи монетаристӣ асосёфта ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намекунанд. Бинобар ин дар шароити муосир аз тадбирҳои қатъии монетаристӣ даст кашида, механизмҳои сиёсати монетарии ҳавасмандгардонандаи*

*сармоягузорӣ, тавсеаи истеҳсолотро пеш гирифтан лозим аст, ки ба куллӣ аз ӯҳдаи коҳиш додани сатҳи таваррум мебароянд ва ба амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамоянд.*

**Ключевые слова:** *монетарная политика, финансовый сектор экономики, реальный сектор экономики, монетаризм, инвестиционная активность, неоклассическая теория, кейнсианская концепция, стимулирование инвестиций*

*Рассматриваются основные теоретические подходы к монетарной политике в современных условиях. Мировая практика разработки и реализации монетарной политики показывает, что в основном она опирается на ряд теорий, в том числе на кейнсианскую и неоклассическую теорию, разработанные в начале XX столетия и доказавшие свою состоятельность в определенных исторических условиях. В результате исследования теоретических основ монетарной политики определено, что в условиях Республики Таджикистан ее реализация должна опираться на весь накопленный мировой опыт, применяя те или иные теоретические предложения в зависимости от реальных социально-экономических условий. Исследование показало, что в Республике Таджикистан наблюдается разрыв между финансовым и реальным сектором экономики. Все мероприятия, основанные на принципах монетаристской теории, не способствуют повышению инвестиционной активности в национальной экономике. Поэтому в современных условиях необходимо отказаться от жесткого монетаризма и принять на вооружение механизмы монетарной политики, стимулирующие инвестиции, расширение производства, которые вполне способны справиться со снижением уровня инфляции и способствуют осуществлению четвертой национальной стратегии – ускоренной индустриализации национальной экономики.*

**Key-words:** *monetary politics, financial sector of economics, real sector of economics, monetarism, investitive activeness, neoclassical theory, Keynsian conception, stimulation of investitures*

*The article dwells on principal approaches towards monetary politics under contemporary conditions. The practice of elaboration and realization of monetary politics shows that it proceeds mainly from a number of theories, Keynsian and classical ones inclusive. Following the results obtained through the studies of the theoretical ground of monetary policy it was determined that the latters having been developed at the beginning of the XX-th century proved their justifiability under certain historic conditions of Tajikistan Republic; one should bear in mind all accumulated world experience when applying these or those theoretical provisions respective of real social-economic circumstances. The research showed that in Tajikistan Republic there is a rupture between financial and real sectors of economy. All the measures based on the principles of monetary theory don't promote any rise of investitive activeness in national economy. Therefore, under modern conditions one ought to refuse from tough monetarism and be guided with the mechanism of monetary politics stimulating investitures and extension of production, as the formers are able to cope with inflation level reduction and they promote an effectuation of the fourth national strategy, that of accelerated industrialization of national economy.*

Дар илми иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ масъалаҳои танзими макроиқтисодӣ мавқеи махсусро ишғол карда, зарурат ва такомули онро талаб менамоянд. Тағйироти назаррас дар

иқтисодиёти ҷаҳон ва иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мушкилиҳоро ба миён овард. Ба чунин мушкилот коҳишёбии интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ, номуътадилии қурби асъори миллӣ, таъсири омилҳои беруна ба ҳисоб меравaнд, ки ҳалли онҳо азхудкунии дурусти назарияҳо ва консепсияҳои сиёсати муътадилгардонии давлатиро пешбинӣ мекунанд. Ҳангоми ҳалли мушкилоти ба миён омада, ба инобат гирифтани тамоюли тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, вазъияти иқтисодиёти миллӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷода татбиқи чораҳо оид ба эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти миллӣ аз таъсири омилҳои беруна, такомули сиёсати макроиқтисодӣ, беҳтар намудани муҳити инвеститсионӣ ва инкишофи бахши аслии иқтисодиёт зарур мебошад. Дар асоси ин гуфтаҳо тадқиқ ба баҳодиҳии назариявӣ доир ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва амалигардонии сиёсати макроиқтисодӣ, махсусан сиёсати монетарӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти беш аз пеш касб мекунанд. Зеро тадқиқоти назариявии ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати монетарӣ, истифодабарии фишангҳои он бо мақсади таъмини тараққиёти устувори иқтисодиёти миллӣ аҳамияти ҳам назаривӣ ва ҳам амалӣ пайдо кардааст, ки муҳиммият ва саривақтии тадиқоти мазкурро ифода менамоянд.

Дар адабиёти иқтисодӣ назарияҳои зиёд мавҷуданд, ки ба онҳо муносибатҳои гуногун доир ба масъалаи самаранокии танзими давлатии иқтисодиёт хос аст. Як қатор назарияҳо иштироки давлатро дар фаъолияти иқтисодӣ пурра инкор мекунанд, ки онҳоро муносибати либералӣ меноманд. Назарияҳои дигар назорати қатъии давлатро ба ҳама ҷараёнҳои макроиқтисодӣ дастгирӣ менамоянд (муносибати давлатӣ, ки дар шакли монетаризми қатъӣ амалӣ карда мешавад). Лозим ба таъкид аст, ки дар мамлакатҳои дорои муносибатҳои инкишофёфтаи бозорӣ нуқтаи назари либералӣ ва монетаризм дар намуди соф мушоҳида карда намешаванд.

Ҳанӯз дар асри XVI иқтисоддонон кӯшиш карданд таъсири муомилоти пулиро ба тараққиёти иқтисодӣ муайян намоянд. Яке аз аввалин назарияҳои иқтисодӣ дар чорчӯбаи иқтисоди сиёсии классикӣ (А.Смит, Д.Юм, Д.Рикардо, Ҷ.Мил, Т. Малтус ва дигарон) тарафдори консепсияи худтанзимшавии бозор буданд. Дар ҷодаи сиёсати монетарӣ бо фарогирии ҳама ҷабҳаҳои он, назарияи классикӣ бештар ба назарияи миқдории пул такя мекунад. Тарафдорони ин назария ба сифати пул асосан воситаи муомилотро медиданд, ки ба афкори ҳамонвақтаи иқтисодӣ хос буд [8].

Сиёсати монетарӣ, ки дар солҳои 20-уми асри XX дар кишварҳои Аврупо амалӣ карда мешуд, айнан ба назарияи миқдории пул асос ёфта буд. Дар ин давра иқтисоддонон гумон доштанд, ки тағйирёбии миқдори пул дар муомилот доимӣ набуда, бо баробари тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот тағйир меёбад. Инчунин сиёсати монетарии онвақта мавҷудияти монополияҳо ва таъсири онҳоро ба нархгузорӣ ба инобат намегирифт. Дар натиҷаи тадқиқоти сатҳи нарх ва миқдори мол, назарияи миқдории пул ба ақидае асос меёбад, ки мутобиқи он миқдори пули номиналӣ дар муомилот бо баробари тағйирёбии сатҳи нархҳо дигаргун мешавад [9]. Лекин, ақидаи тарафдорони ин назария норасоии худро ҳангоми сар задани “Депрессияи бузург” солҳои 1929-1933 нишон дод.

Бинобар ҳамин лозим ба таъкид аст, ки таҷрибаи ҷаҳонии таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ нишон медиҳад, ки он асосан ба як қатор назарияҳо такя мекунад, ки дар ибтидои асри XX коркард шудаанд ва дурустии худро дар шароитҳои мухталифи таърихӣ исбот намудаанд. Ин назарияҳо дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун самти кейнсгароӣ,

монетаризм ва омезиши неоклассикӣ маъруфият доранд. Бо мақсади муайян кардани мақоми сиёсати монетарӣ хусусиятҳои умумӣ ва алоҳидаи тасаввуроти сиёсати монетариро дар ин назарияҳо ба ҳам қиёс кардан зарур аст.

Консепсияи кейнсгароӣ аз асари бунёдии асосгузори ин равия Ҷ.М.Кейнс “Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул” (соли 1936) ибтидо мегирад. Натиҷаҳои тадқиқот, ки дар асарҳои Ҷ.М. Кейнс дар солҳои 30-юми асри XX ироа гардидаанд, ба сифати пояи назариявӣ-методологии татбиқи барномаҳои ба эътидол овардани иқтисодиёти мамлакатҳои Ғарб, махсусан ИМА хизмат мекунанд.

Таҳлили алоқамандии сабабӣ-оқибатии лаппишҳои сиклӣ, ки ба Депрессияи бузурги солҳои 30-юм оварда расониданд, ба Ҷ.М. Кейнс имкон дод, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ оид ба зарурати танзими давлатии ҷараёнҳои иқтисодӣ хулосаи зарурии таърихӣ барорад ва муносибати умумиро ба инкишофи низоми бозорӣ асоснок намояд. Зоҳир кардани диққати махсус ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ба монанди инвеститсия, даромад, пасандоз, истеъмолот ва истеҳсолот дар миқёси тамоми ҷамъият хусусияти асосии фарққунандаи тадқиқоти Ҷ. М. Кейнс ба шумор меравад. Иқтисодиётро аз тарафи маҷмӯи талабот тадқиқ карда, Кейнс қонуни асосии психологиро муайян намуд, ки мувофиқи он баробари афзоиши даромад, майл ба истеъмолот коҳиш ёфта, майл ба пасандоз зиёд мешавад. Ҳаҷми пасандози афзоишёбанда, ба ақидаи Кейнс, бояд мунтазам бо талаботи афзоишёбандаи инвеститсионӣ бартараф карда шавад. Ҳаҷми инвеститсия, ба ақидаи Кейнс, омили асосии талаботи самаранок, шуғл ва ҳаҷми даромади миллӣ мебошад. Дар консепсияи худ Ҷ.М. Кейнс ба алоқамандии миқдории байни инвеститсия ва даромади миллӣ низ аҳамият медиҳад. Ин алоқамандиро Кейнс ҳамчун самараи мултипликатор муайян кардааст. Консепсияи мултипликатор вобастагии мунтазамро байни афзоиши инвеститсия ва афзоиши даромади миллӣ муқаррар карда, хулосаи калидии Ҷ.М. Кейнсро оид ба зарурати дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ ба воситаи ҳавасмандгардонии талаботи инвеститсионӣ муайян намуд.

Вобаста ба сиёсати монетарӣ хулосаи асосии консепсияи Ҷ.М. Кейнс дар он зоҳир мегардад, ки агар дар мамлакат бекорӣ ва истифодаи нопурраи иқтидори истеҳсолӣ мавҷуд бошад, дар ин ҳолат бояд барои алоқаманд намудани қувваи корӣ бо воситаҳои истеҳсолот тамоми тадбирҳо андешида шаванд, ки барои он инвеститсия ниҳоят зарур мебошад [2, 130]. Мувофиқи ақидаи Ҷ.М. Кейнс, инвеститсияҳо бояд ба ҷамъи андӯхти корхонаҳо ва пасандози хоҷагиҳои хонаводагӣ баробар шаванд. Маълум аст, ки ҳангоми норасоии худмаблағгузорӣ, корхонаҳо ба бозори сармояи қарзӣ рӯ меоваранд. Маъмулан ба сифати нархи сармояи қарзӣ мизони фоиз баромад мекунад, бинобар ин байни талабот ба сармояи қарзӣ ва ҳаҷми мизони фоиз алоқамандии баръакс мавҷуд аст. Бо назардошти шароити мазкур бо мақсади ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо Ҷ.М. Кейнс татбиқи сиёсати паст намудани мизони фоизро пешкаш мекунад. Паст намудани мизони фоиз ба воситаи паст кардани мизони бозтамвили бонки марказӣ имконпазир аст. Бо ин мақсад Ҷ.М. Кейнс имконияти барориши пули коғазиро пешбинӣ мекунад, ки дар натиҷа анбуҳи пул аз миқдори заруриаш афзоиш ёфта, мутобиқи назарияи миқдории пул боиси ба миён омадани таваррум мегардад. Дар назарияи Кейнс дар сурати норасоии талаботи хусусӣ имконияти пурра намудани он тавассути афзоиши талаботи давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки дар ин ҳолат маблағгузории камомад ва таваррум аз эҳтимол дур нест.

Дар ниҳояти кор чунин таъсири мутақобилаи фишангҳои пулию қарзӣ боиси афзоиши

инвеститсияҳо мегардад ва тавассути самараи мултипликатор ба афзоиши истеҳсолот ва даромад оварда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки дар чунин шароит баландшавии сатҳи нарх бо суръати баландтари рушди иқтисодӣ бартараф карда мешавад. Аввалин маротиба ба назарияи кейнсиании дахолати давлат ба иқтисодиёт Шӯрои машваратгарони иқтисодии президент Ф. Рузвелт барои раҳоӣ ёфтан аз буҳрони сиклии солҳои 1929-1933 (Депрессияи бузург) аҳамият дода буд. Дертар пешниҳодҳои Ҷ.М. Кейнсро ҳукумати дигар мамлакатҳо низ ба инобат гирифт. Умуман назарияи сиёсати монетарии Кейнс натиҷаҳои мусбатро нишон дод [7, с.97].

Дар тӯли ду садсолаи охир ва то имрӯз мубориза бо бекории оммавӣ ва таваррум яке аз муаммоҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравандм. Мувофиқи ақидаи иқтисоддони машҳури амрикоӣ П. Самуэлсон, айнан ҳамин мушкилот мамлакатҳои тараққикардаро, ки дорои фишангҳои фискалию монетарӣ ва имкониятҳои сиёсӣ мебошанд водор мекунанд, ки онҳоро барои рафъи таназзули даврӣ ва таварруми ҷаҳишкунанда истифода баранд [6,с.158].

Ба инкишофи назарияи сиёсати монетарӣ намояндагони "омезиши неоклассикӣ" саҳми арзанда гузоштаанд. Муносибатҳои муосири неокейнсианӣ ва неолибералиро бо назарияҳои пештара, инчунин бо баъзе принсипҳои иқтисодиёти сиёсии классикӣ тавъам сохта, дар чорчӯбаи "омезиши неоклассикӣ" П. Самуэлсон кӯшиш ба харҷ додааст, ки назарияҳои неоклассикӣ ва кейнсианиро бо ҳам алоқаманд намояд. Омилҳои таъминкунандаи сатҳи оптималии истеҳсолот ва омилҳои фаъолкунандаи талаботро ба ҳам марбут сохта, П. Самуэлсон фарқи байни микроиқтисод ва макроиқтисодро бартараф менамояд. Ақидаи асосии П. Самуэлсон дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми дастрасии шуғли пурра низоми худтанзимшавии бозор амалӣ мегардад. Ӯ сиёсати монетарӣ ва буҷетии давлатро алоқаманд намуда, гумон дорад, ки сиёсати монетарии маҳдудкунанда барои мубориза бо таваррум метавонад истеҳсолотро боздорад. Ба ақидаи П. Самуэлсон бо мақсади мутобиқгардонии масъалаҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат, барои ноил шудан ба самаранокии истеҳсолот вобаста ба мушкилоти иҷтимоӣ муносибатҳои кейнсианӣ ва неоклассикиро омезиш додан лозим аст, яъне вобаста ба вазъияти ба миён омада сиёсати монетарӣ ва буҷетиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дигар равияи назарияи иқтисодӣ, ки ба пул аҳамияти махсус зоҳир мекунад, монетаризм мебошад. Дар солҳои 1973-1975 иқтисодиёти ҷаҳон буҳрони давриро аз сар гузаронид, ки ба афзоиши баланди таваррум, коҳиши истеҳсолот ва пастравии фаъолнокии инвеститсионӣ оварда расонид. Дар шароити буҳрони ба миён омада, фаъолгардонии иқтисодиёт тавассути назарияҳои кейнсианӣ имконнопазир гардид. Муносибатҳое афзалтар ба ҳисоб рафтанд, ки дахолати давлатро ба иқтисодиёт танҳо бо соҳаи пулӣ маҳдуд мекарданд, яъне пешниҳодҳои равияи монетаризм нисбатан самаранок ба ҳисоб рафтанд. Асоси инкишофи монетаризмро иқтисоддони амрикоӣ, дорандаи ҷоизаи Нобел доир ба иқтисодиёт Милтон Фридмен бо маҷмӯи асарҳо дар соҳаи истеъмолот, таърих ва назарияи пул ("Тадқиқот дар соҳаи назарияи миқдории пул" (соли 1956), "Таърихи низоми пулии ИМА, солҳои 1967-1960" (соли 1963), "Таваррум ва низомҳои пулӣ" (соли 1969)) гузоштааст. Консепсияи монетарии Фридмен ба кашфи такрории пул овард, зеро барои муборизаи ҳамаҷониба бар зидди таваррум кӯмаки арзандае кард. М. Фридмен исбот менамояд, ки афзоиши таваррум бар хилофи ақидаҳои Ҷ.М. Кейнс на ба пастравии бекорӣ, балки ба афзоиши он мурофиқат мекунад [1, с.38]. Маҳз барои ҳамин аз тарафи ӯ кӯшиши таҷаддуди аҳамияти пул, миқдори пул ва муомилоти пулӣ дар ҷараёнҳои иқтисодӣ роҳандозӣ шуда буд. Ҳукумати ИМА консепсияи монетарии Фридманро барои татбиқ пазируфт. Пеш аз ҳама, муваффақияти бештарро

муқаррароти монетаризм оид ба мубориза зидди таваррум дар давраи "рейгономика" ба даст оварда буд, ки дар ин ҳолат консепсияҳои монетаризм ба паст кардани таваррум дар ҳолати устуворшавии воқеии доллар имкон доданд.

Дар чорчӯбаи назарияи неоклассикӣ консепсияи монетаристии танзими пулию қарзӣ инкишоф ёфт. Ин консепсия, ки ба назарияи миқдории пул такя мекунад, асосан ба давраҳои ҷоннокшавӣ ва болоравии сикли иқтисодӣ нигаронида шудааст. Назарияи миқдории пул барои назарияи монетаристии таваррум ҳамчун асос баромад кард. Барзиёдии пулро дар муомилот назарияи монетаристии таваррум сабаби асосии таваррум мешуморад. Айнан ҳамин консепсия дар давраи муосир ба ҳайси асоси идеологии аксарияти бонкҳои марказӣ ва ҳукуматҳо (аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) боқӣ мемонад.

Консепсияи монетаристӣ муносибати куллан дигарро ба як қатор муаммоҳои калидии соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт пешкаш менамояд, ки бо чунин хулосаҳо тавсиф карда мешаванд:

- Бекорӣ ҳамчун омили бештари номуътадилии иқтисодиёт арзёбӣ мешавад, ки мумкин аст ба изтиробҳои иҷтимоӣ оварда расонад.
- Таваррум нисбат ба бекорӣ зарари камтар дорад, зеро онро ба воситаи танзими миқдори пул назорат кардан ва боздоштан мумкин аст.
- Сабаби касри буҷет дар он аст, ки давлат сиёсати фаъолонаи иҷтимоиро амалӣ мегардонад, ки бо афзоиши назарраси хароҷоти давлатӣ алоқаманд мебошад. Танзими касри буҷет бояд бе дахолати давлат ба иқтисодиёт амалӣ карда шавад (бозор-низоми худтанзимшаванда аст).
- Новобаста аз вазъият суръати афзоиши миқдори пул бояд доимӣ ва муътадил буда, 3-4% солонаро ташкил намояд.

Таҷрибаи истифодаи сиёсати монетарии монетаристон имкон медиҳад, ки аз нуқтаи назари муътадилгардонии макроиқтисодӣ хулосаҳои зарурӣ бароварда шаванд.

Истифодаи консепсияи монетаристӣ дар як қатор кишварҳо натиҷаи мусбат нишон дод, лекин ҳангоми истифодаи дурудароз ин чораҳо ҳолатҳои буҳрониро ба миён оварда, боиси гузариш ба дигар стратегияҳои сиёсати монетарӣ гардиданд.

Дар марҳилаи муосири тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ институтҳои байналмилалӣ, масалан Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) ду муносибати асосиро ба сиёсати монетарӣ муайян мекунад.

Муносибати якум дар амалӣ намудани сиёсати монетарии боздоранда асос ёфта, дар шароити номӯътадилии асъори миллӣ татбиқ карда мешавад, лекин ҳангоми ба эътидол овардани суръати таваррум дар сатҳи нисбатан пасттар (то 6-7% дар як сол) ин гуна чораҳо ғайримақсаднок ҳисобида мешаванд. Дар ҳолати охирон амалигардонии сиёсати монетарии боздоранда метавонад ба коҳиш ё боздории рушди иқтисодӣ сабаб гардад. Ҳангоми ноил гардидан ба эътидоли мазкур бонкҳои марказӣ метавонанд ва бояд рушди иқтисодиро ба воситаи татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонанди монетарӣ ҳавасманд намоянд. Сабаб дар он аст, ки иқтисодиёт бояд сари вақт воситаҳои пулии зарурӣро барои гузаронидани ҳисобҳо байни агентҳои иқтисодӣ дастрас кунад ва амалиётҳои инвеститсиониро татбиқ намояд.

Муносбати дуюми ХБА пешбинӣ мекунад, ки афзоиши пешниҳоди пул бояд танҳо аз ҳисоби захираҳои софи байналмилалӣ сурат гирад. Баробари ин афзоиши пояи пулӣ аз ҳисоби дороиҳои софи дохилӣ ғайримақсаднок мебошад, зеро он имконияти бонкҳои марказиро дар соҳаи танзими бозори пулию қарзӣ маҳдуд намуда, дар амал реҷаи сохтори монетариро ҷорӣ менамояд, ки ба идоракунии асъорӣ наздик аст. Дар чунин шароит

сиёсати монетарӣ, ки ба консепсияи монетаристӣ асос ёфтааст, ҳамчун боздорандаи ислоҳоти сохторӣ дар иқтисодиёт баромад мекунад, ки пеш аз ҳама бо васеъшавии истеъмолоти дохилӣ ва коҳишёбии вобастагии рушди иқтисодӣ аз вазъияти бозорҳои беруна алоқаманд мебошад [3, с.39]. Дар ин ҷода академик Раҳимов Р.К. чунин ибрози ақида менамоянд: "Сиёсати монетарии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалигардидаистода, то ҳол ба консепсияи мактаби монетаристӣ такя мекунад, ки он бештар барои кишварҳои тараққикарда хос буда, барои тараққиёти иқтисодии ҷумҳурӣ омили ҳалкунанда намебошад. Бо ибораи дигар дар Тоҷикистон аз аввали амалигардонии барномаҳои дигаргунсозии иқтисодӣ сиёсати монетарии ба хусусиятҳои иқтисодиёти мамлакат мутобиқ набуда амалӣ карда мешавад. Аз ҳамин сабаб дараҷаи истифодабарии захираҳои табиӣ ва инсонӣ, иқтидори истеҳсолӣ дар сатҳи паст қарор дорад" [10, с.520].

Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили назариявии консепсияҳои асосии сиёсати монетарӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ консепсияҳои гуногуни сиёсати монетарӣ татбиқи худро ёфтаанд. Гуногуншаклии муносибатҳои консептуалӣ, пеш аз ҳама бо сатҳи гуногуни инкишофи ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаманд буда, имконият медиҳанд, ки муносибати мувофиқ ва дуруст вобаста ба шароити иқтисодиёти миллӣ интихоб карда шаванд.
- Интихоби асоси консептуалии сиёсати монетарии амалишаванда аз бисёр омилҳо ва шароитҳо, пеш аз ҳама аз меъёри таваррум, сатҳи бекорӣ, муҳити инвеститсионӣ, қурби асъори миллӣ, сатҳи мизони фоиз, ҳолати тавозуни пардохт вобастагӣ дорад. Баробари тағйирёбии шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ заминаҳои консептуалии сиёсати монетарӣ низ дигаргун мешаванд.

Дар амалӣ гардонидани сиёсати монетарӣ дар шароити кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тамоми таҷрибаи ҷаҳониро ба назар гирад ва ин ё он муқаррароти назариявиро бо назардошти шароити воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавриди истифода қарор диҳад. Мақсади асосии сиёсати монетарӣ дар тӯли давраи ислоҳоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст намудани сатҳи таваррум мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон таваррумро муаммои ягонаи тараққиёти иқтисодиёт меҳисобад. Бинобар ин ба усулҳои монетарии мубориза бар зидди таваррум афзалият дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваррум на танҳо хислати монетарӣ дорад. Маҳдуд намудани миқдори пул, сатҳи баланди мизони бозтамвил ва меъёри захиракунии ҳатмӣ имкон намедиҳад, ки номутаносибии дар соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадаро ислоҳ намоем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни бахшҳои молиявӣ ва воқеӣ тафриқа ба назар мерасад. Дар натиҷа ҳамаи ин чорабиниҳои ба принсипҳои консепсияи монетаристӣ асосёфта ба афзоиши фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намекунанд. Ба фикри мо лаҳзаи даст кашидан аз принсипҳои монетаризм ва пеш гирифтани сиёсати монетарии ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо, тавсеаи истеҳсолот фаро расидааст, ки дар амал метавонад сатҳи таваррумро коҳиш диҳад ва ба амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намояд.

**_Пайнавишт:_**

1. *Friedman M. The Optimum Quantity of Money / M. Friedman // The Optimum Quantity of Money and other Essays. - Chicago: Aldine publishing company.-1969. – 106 p.*
2. *Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процента и денег. – Москва: Гелиос АРВ, 1999. – 352 с.*

3. *Макаров С.М., Осколкова Н.С. Теоретические аспекты системы денежно-кредитного регулирования экономики // Финансы и кредит. - 2013. - № 27 (555). – С. 37-46.*
4. *Моисеев С.Р. Контроль за движением капитала: концепция экономической политики//Бизнес и банки. - 2005. - № 13.- С.1-3.*
5. *Пашковский В.С. Активизация денежно-кредитной политики //Бизнес и банки. – 2004.- №15.- С. 1-11.*
6. *Самуэльсон П. Основы экономического анализа. – Москва: Наука, 2004. – 295 с.*
7. *Хансен Э. Денежная теория и финансовая политика. – Москва: Дело, 2006. – 312 с.*
8. *Hume D. Of money (маводи электоронӣ) реҷаи дастрасӣ: https://www.csus.edu/indiv/c/chalmersk/ECON101SP09/HumeOfMoney. pdf.*
9. *Фишер И. Покупательная сила денег / маводи электоронӣ /реҷаи дастрасӣ: http://siriostudent.narod.ru/MSMD.pdf*
10. *Рахимов Р.К. Пролемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. – Душанбе: ООО «Торус», 2012. – 812 с.*

***Reference Literature:***

1. *Friedman M. The Optimum Quantity of Money / M. Friedman // The Optimum Quantity of Money and other essays. - Chicago: Aldine publishing company.-1969. – 106 p.*
2. *Keynes Dj. M . General Theory of Percent and Money Employment- Moscow: Gelios APB , 1999. – 352 pp.*
3. *Makarov S.M , Oskolkova N.S Theoretical Aspects of the System of Monetary-Crediting Regulation of Economy // Finances and Credit. – 2013, № 27 (555) – pp. 37– 46*
4. *Moiseyev S.R. Control over Capital Movement: Conception of Economic Policy // Business and Banks. - 2005, №13 - pp. 1-3*
5. *Pashkovsky V.S . Activization of Monetary-Crediting Politics / Business and Banks. - 2004, №15 – pp. 1-11*
6. *Samuelson P. The Grounds of Economic Analysis. – Moscow: Science, 2004. – 295 pp.*
7. *Hansen E. Monetary Theory and Financial Politics. – Moscow: Business, 2006. – 312 pp.*
8. *Hume D. Of Money (electronic resource) Regime of availability: https://www.csus.edu/indiv/c/chalmersk/ECON101SP09/HumeOfMoney. pdf.*
9. *Fisher I. Purchasing Power of Money // electronic resource // Regime of availability: http://siriostudent.narod.ru/MSMD.pdf*
10. *Rakhimov R.K . The Problems of Transitive Economy Development in Tajikistan Republic. – Dushanbe: "Torus" Assoc. LTD., 2012.- 812pp.*